Каъбаи уммеди мо халқ асту бас!



# СУХАНИ ХАЛҚ

www.hhdt-sugd.tj
E.mail:suhanihalk@mail.ru

Оғози нашр 4-уми декабри соли 1993
№3 (518)
Панҷшанбе, 17.01.2019

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

**«Бовар дорам, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавиродаву заҳматдӯсти мо аз ӯҳдаи бартараф кардани ҳамаи мушкилот ва иҷрои ҳама гуна амалҳои нек мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии арзандаи ҳар фарди Ватан шароити мусоид фароҳам меоранд».**

**Эмомалӣ РАҲМОН**
**Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018)**

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ




14 январи соли 2019 як қатор Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати мамлакат дар бораи тағйиротҳои кадрӣ содир шуданд.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода аз вазифаи раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намуда, ба ҷои ӯ Хоҷазода Ориф Ашӯрӣ ба ин вазифа таъйин гардид.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмаҳмадзода Давлатшоҳ Қурбоналӣ аз вазифаи Раиси вилояти Хатлон озод гардида, ба ҷои ӯ Ҳакимзода Қурбон таъин карда шуд.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби ба кори дигар гузаштанашон Ҷонон Шералӣ Сайдамир аз вазифаи Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ҳамзамон аз вазифаи Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-ланка, Ализода Назирмад аз вазифаи Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва ҳамзамон аз вазифаи Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муғулистон озод намуда, Ибодзода Хайрулло Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус Ҳақдод Маҳмадшариф Маҳмуд ҳамзамон Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Литва таъин карда шуданд.

Бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ибодзода Хайрулло бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намуда, ба ҷои ӯ Гулмаҳмадзода Давлатшоҳ Қурбоналӣ таъин карда шуд.

Ҳамзамон, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати Директори Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ Назриев Мирзосафар Алиаҳмадович, бинобар вафоташ, қатъгардида ҳисобида шуд.

Мутобиқи моддаи 20-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Хоҷазода Ориф Ашӯрӣ аз вазифаи муовини Раиси вилояти Суғд озод намуда, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Тибқи ҳамин моддаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» барои аз вазифаи муовини якуми Раиси вилояти Хатлон озод ва ба вазифаи муовини Раиси вилояти Суғд таъин гардидани Зиёзода Сулаймон Ризоӣ розигӣ дода шуд.

***www.president.tj***

## Дар ин шумора:

ПАЁМ – ЗАМИНАИ ВОҚЕӢ БАРОИ ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ ХАЛҚ — *Саҳифаи 2*

НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ДДП ДИДАН НАМУДАНД — *Саҳифаи 3*

ХУШДОМАН: ФАРМОНФАРМО Ё ТАРБИЯТГАР? — *Саҳифаи 6*

ИНСОН ВА МАРҲИЛАИ ТАРБИЯИ Ӯ — *Саҳифаи 7*

# “КАШФИЁТ”-И НАВ ДАР МАЪРАКАГУЗОРОНӢ

***ё Чаро манфиати қонун то ҳол дарк намешавад?***



*Ёздаҳ сол пеш қонун қабул намуда, тӯю маъракаҳои худро танзим кардем, то ба хароҷоти зиёд ва исрофкориҳои беҳуда роҳ надиҳем. Ин иқдом ба хотири баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум амалӣ карда шуд. Амалишавии қонуни миллӣ тавонист манфиати иқтисодии мардумро таъмин намояд, аммо... Онҳое, ки манфиати ин қонунро то ҳол дуруст дарк накардаанд, кам нестанд.*

➤ 4

# ФИШОРБАЛАНДӢ:

## ДУРӮҒГӮӢ ҲАМ БА ИН САБАБ ШУДА МЕТАВОНАД



*Хоби солим ва риояи реҷаи он низ ҷиҳати пешгирии фишорбаландӣ нақши муҳим дорад. Хоби солим бояд дар як шабонарӯз 7–8 соатро ташкил диҳад.*

*Таҳқиқот муайян намуд, ки сухани дурӯғ омили баланд шудани фишор низ шуда метавонад, зеро дурӯғгӯӣ ба якбора тангшавии рагҳои хунгузар сабаб мегардад.*

➤ 5

*Минбари ҳизбиён*

# ПАЁМ – ЗАМИНАИ ВОҚЕЙ БАРОИ ТАЪМИНИ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ ХАЛҚ



***Раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Суғд Сатториён Матлубахон АМОНЗОДА***

**ПАЁМИ навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 26 декабр ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, раҳнамо ва дастури муфид барои таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва заминаи воқеӣ ба шукуфоии диёр ва фароҳам овардани зиндагии шоистаи халқ мебошад.**

Тавре Пешвои миллат дар ибтидои Паём таъкид карданд, соли рафтаи 2018 дар таърихи навини кишвар таҳаввулоти азим ба миён овард. Дақиқтар гӯем, сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат ва меҳнати софдилонаи мардуми шарафманди тоҷик буд, ки ба дастовардҳои беназир ноил гардидем.

Рӯзҳои таҷлил аз Наврӯзи байналмилал аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтани ташаббуси навбатии Тоҷикистон дар мавриди «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028» баёнгари нуфузу эътибори оламгири Тоҷикистони соҳибистиқлол ва Пешвои дурандеши он мебошад.

Соли 2018 муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ба таҳаввулоти тоза рӯбарӯ гардид, ки мардуми дӯсту бародари тоҷику ӯзбек солҳо ташнаи чунин руҳдод буданд.

Воқеаи аз ҳама таърихиву хотирмони соли 2018 фаъол гардидани нахустин чархаи НБО "Роғун" мебошад, ки орзуву ормони даҳсолаҳои миллати тоҷик ба шумор мерафт. Пешвои миллат бамаврид таъкид намуданд, ки ифтитоҳи нахустчархаи ин иншооти тақдирсози миллат "...ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ — истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад".

Ба гуфтаи Президенти кишвар ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи якуми стратегии кишвар давоми даҳ соли охир иқтидорҳои истеҳсолии низоми энергетикии кишвар дар ҳаҷми 1520 мегаватт зиёд гардида, зиёда аз 1300 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат ба истифода дода шуданд. Чунин тадбирот имкон доданд, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ таъмин шуда, ҳадафҳои дигари стратегиро ба миён овард.

Ин ҷо бамаврид аст, аз татбиқи бомароми дигар аҳдофи стратегии кишвар низ ёдовар шавем ва яке аз онҳо баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Тавре дар Паём зикр шуд, фақат соли сипаришудаи 2018 сохтмону таҷдиди қариб 200 километр роҳи дохиливу байналмилалӣ ва 45 пул ба анҷом расонида шудааст.

Дар ҷодаи таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар, ки ҳадафи дигари олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, пешрафти соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд омада, аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Ҳамагон огоҳем, ки сатҳи зиндагии мардум имрӯз куллан беҳтар гардида, натиҷаи татбиқи босамари ҳадафи олӣ арзёбӣ мешавад. Дар ин давр зиёда аз 150 ҳазор ҷойи нави кор таъсис ёфтааст. Даромади пулии аҳолӣ дар муқоиса бо соли гузашта 11% афзуда, сатҳи камбизоатӣ 29,5% коҳиш ёфтааст.

Ҳамакнун, Пешвои миллат стратегияи чаҳоруми миллиро эълом намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Дар идомаи ҳамин ҳадаф Сарвари давлат пешниҳод карданд, ки "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" эълом карда шавад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо фазои солим вуҷуд дорад, Ватанамон тинҷу осуда аст ва ин неъмат худ кафили расидан ба ҳадафҳои олӣ шуда метавонад. Танҳо ҳифзи он масъулияти бузургеро талаб мекунад.

Анъана ҳаст, ки ҳамасола дар Паём ба рушду пешрафти ин ё он соҳа афзалият дода мешавад. Соли 2017 дар кишвар Соли ҷавонон эълом гардида, ин қишри созандаи ҷомеа мавриди таваҷҷӯҳу дастгириҳои давлату ҳукумат қарор гирифтанд. Аслан, дастгирии ҷавонон ҳамеша дар меҳвари сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Вале, азбаски ҷавонон нерӯи бузург ҳастанд, дар ҳама давру замон аз ин нерӯ душманони миллат истифода карда, онҳоро ба амалӣ гардонидани ҳадафҳои нопоки хеш моил месозанд. Мисоли равшани ин гуфта ҷанги шаҳрвандӣ мебошад, ки бо фирефта намудани тоифае аз ҷавонон нерӯҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик ба сари миллат рӯзҳои вазнинро таҳмил карданд. Чунончӣ, Пешвои миллат таъкид намуданд, "Дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти нерӯҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд".

Сиёсати оқилонаи Пешвои муаззами миллат буд, ки дар Паёми соли гузашта соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълом гардид. Татбиқи босамари ин ҳадаф дар он зоҳир мешавад, ки назар ба соли 2017 дар соли 2018 ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба кишварамон дуюним баробар афзудааст. Ба ин васила имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон муаррифӣ ва ҳунару ҳунармандӣ равнақ ёфтанд. Сарвари давлат ба хотири пурра амалӣ гардонидани ҳадафи мазкур солҳои 2019–2021-ро Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълом карданд. Бешубҳа, дар доираи ин ҳадаф рушди сайёҳиву ҳунарҳои мардумӣ ва некӯаҳволии мардуми деҳот таъмин хоҳад гардид.

Сарвари давлат аз раванди созандагии диёрамон қаноатмандӣ карда, барои ташаббусҳои неку созанда ба кулли мардуми кишвар миннатдорӣ баён намуданд. Ва яке аз муассиртарин нукта дар Паём чунин буд: "Мо ҳар амали некеро, ки ба шукронаи истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ анҷом медиҳем, барои худамон, фарзандонамон, наслҳои ояндаамон, Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистон мекунем, зеро ин Ватан ва ин давлат аз худи мост ва онро ба ҷойи мову шумо каси дигар обод намекунад".

Чун ҳамеша дар Паёми навбатӣ низ илм ва махсусан баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва сифати дониши ҷавонону наврасон ҷойгоҳи хос дошт. Пешвои миллат зикр намуданд, ки ба рушди соҳаи илму маориф эътибори аввалиндараҷа зоҳир гашта, мушкилиҳои мавҷуда марҳила ба марҳила ҳалли худро ёфта истодаанд. Давоми соли 2018 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани 151 муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки фарогири зиёда аз 73000 ҷои нишаст мебошанд, далели гуфтаҳои болост.

Дар ин замина, яке аз тадбирҳои муҳиму сариваќтӣ таъсис ёфтани Маркази миллии тестӣ мебошад. Ин тадбир имкон дод, ки дар қабули довталабон ба муассисаҳои таълимии олӣ шаффофият таъмин шуда, ҳазорҳо нафар ҷавонон номи пуршарафи донишҷӯро соҳиб гарданд.

Дар Паём ба Маҷлиси Олии кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз раванди забономӯзӣ нигаронӣ намуданд. Ва зарур шумориданд, ки барои бо ҷомеаи пешрафтаи башар ҳамқадам будан ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир кунем.

Туфайли сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давроні соҳибистиқлолӣ мақому манзалати зан дар ҷомеа хеле баланд гашт. Тавре дар Паём таъкид гардид, "Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ гардида, барои фаъолияти занон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд". Ин эътимод ва имконият мо, бонувонро вазифадор месозад, ки дар пешрафти диёри хеш беш аз пеш саҳм гузорем.

Пешвои миллат ҳамеша ба нерӯи ҷавонон эътимод карда, ин қишрроояндаи миллат унвон мекунанд. Танҳо ҷавонони солимфикру босавод метавонанд ояндаи дурахшони миллати худро фароҳам созанд. Ва дар ташаккули насли ҷавон, бонувон, модарони азиз нақши муҳим доранд. Бонувони дурбину некандеши мо дар тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро саъю талоши бештар ба харҷ медиҳанд.

Хусусан, терроризм ва экстремизм, ки муаммои рақами аввали ҷомеаи ҷаҳонист, решакан намудани ин зуҳуроти номатлуб аз масъулияти модарон вобастагии зич дорад. Модари тоҷик барои миллат садҳо фарзонафарзанд офаридааст. Пойбандии ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ гардидани ҷигарбанди ӯ номус аст. Ин аст, ки Сарвари давлат бо боварӣ ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа нақши онҳоро дар таълиму тарбияи фарзанд муҳим донистанд.

Афзоиши хатарҳои терроризм ва экстремизм боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Аз таҳдидҳои ин зуҳуроти номатлуби аср Тоҷикистон низ истисно нест. Ва мубориза бо ин зуҳурот фақат кори мақомоти қудратӣ ҳисоб нашуда, аз ҳар фарди худогоҳу хештаншинос масъулияти ҷиддӣ тақозо мекунад. Яке аз роҳҳои асосии мубориза бо терроризм ва экстремизм баланд бардоштани маърифату дониши мардум, хусусан, ҷавонон мебошад. Барои пешгирии ин зуҳурот номатлуб дар Паём дастурҳои мушаххас пешниҳод шудаанд, ки сармашқи фаъолияти мо бояд бошанд.

Барои мову Шумо таҳким бахшидани Истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи ваҳдату ягонагӣ масъалаи аввалиндараҷа боқӣ меёбад, зеро рушди устувори миллӣ аз ин ду арзиши олии зиндагии мо сарчашма мегирад. Ва ин ҳадафро барномаву ғояҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дарбар гирифтаанд. Сарварии ин ҳизби сиёсиро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимма дошта, ҳамсафони мо барои ноил шудан ба мақсадҳои олӣ ҳамвора талош мекунанд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд, ки бештар аз 130 ҳазор аъзоро дарбар мегирад, кӯшиш ба харҷ медиҳад, то дар амалӣ гардидани ҳадафҳои олии Сарвари давлат ҳиссаи сазовор гузорад.

Соли 2019 ҷиҳати татбиқи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаи мушаххас таҳия ва тадбирҳои ҳадафрас амалӣ карда мешаванд, зеро ин дастури муфид раҳнамо ба зиндагии шоиста буда, аз ҳадафи асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бархурдор аст.

*Ҳамсафон*

# Намояндагони Тоҷикистон аз ДДП дидан намуданд



11-уми январи соли 2018 ҳайати намояндагони Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии Пенза ташриф оварданд. Ин ҳайатро роҳбари дастгоҳи КИМ ҲХДТ Абдураҳмон Хонов ва сармуҳаррири нашрияи Кумиҷроияи Марказии ҲХДТ "Минбари халқ" Бахтиёр Ҳамдамов намояндагӣ карданд.

Асатилло Қурбонов, роҳбари ташкилоти ҷамъиятии минтақавии "Маркази фарҳанги милии тоҷикон "Иттиҳод" дар вилояти Пенза", ҷониби Тоҷикистонро дар ин сафар ҳамроҳӣ намуд. Меҳмонон аз бинои асосии Донишгоҳи давлатии Пенза боздид ба амал оварда, осорхонаи донишгоҳро тамошо карданд.

Дар доираи ин сафар миёни ҳайати Тоҷикистон ва иҷрокунандаи вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Пенза Александр Дмитриевич Гуляков гуфтушунид доир шуд. Ҳамзамон, ҳайати Тоҷикистон бо донишҷӯёни тоҷик мулоқот намуданд.

Александр Дмитриевич, сарвари донишгоҳ, таъкид кард, ки Донишгоҳи давлатии Пенза аз калонтарин донишгоҳҳо маҳсуб ёфта, дорои таърихи қадима ва иқтидори баланд мебошад. "Дар Донишгоҳи давлатии Пенза зиёда аз 20 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд, ки 1700 нафари онҳо намояндагони кишварҳои хориҷа мебошанд".

Бахтиёр Ҳамдамов, сармуҳаррири нашрияи "Минбари халқ" қайд намуд, ки сафари ӯ ба вилояти Пенза бори аввал нест, аммо ҳар дафъа аз маданияти баланди сокинон ва сарватҳои табиии ин минтақа таассуроти бештар мегирад.

Роҳбари дастгоҳи КИМ ҲХДТ Абдураҳмон Хонов ва сармуҳаррири нашрияи "Минбари халқ" Бахтиёр Ҳамдамов дар ин мулоқот бо донишҷӯён бо забони тоҷикӣ сӯҳбат намуда, ба онҳо ҷиҳати омӯзиши илму дониш маслиҳат ва ба сулҳхоҳи лайзерӣ ... олҳояшон посух доданд.

Александр Дмитриевич Гуляков, сарвари донишгоҳ, аз муносибати донишҷӯёни тоҷик ба дарс ва интизоми онҳо қаноатмандӣ изҳор намуд. "Дар Донишгоҳи давлатии Пенза 291 нафар донишҷӯёни тоҷик таҳсил менамоянд, ки ҳар кадом бо муносибати оқилона ба таҳсил, маҳсаднокӣ ва фаъолияти эҷодӣ фарқ мекунанд". Ректори донишгоҳ аз фестивали "Муколамаи фарҳангҳо" ёдовар шуд, ки дар Донишгоҳи давлатии Пенза ба ҳукми анъана доромадааст. "Дар ин фестивал донишҷӯён анъанаҳои миллиашонро ба намоиш гузошта, давлати худро муаррифӣ мекунанд. Намоиш ба муаррифии донишҷӯёни тоҷик ҳамеша диданӣ аст ва он аз таърихи ғанӣ, анъанаҳои бойи миллати тоҷик дарак медиҳад", – иброз намуд ректори ДДП.

Бахтиёр Ҳамдамов қайд кард, ки рушди Тоҷикистон бо Русия алоқамандии зич дорад.

Сергей Михайлович Васин, ноиби ректор оид ба корҳои байналмилалии донишгоҳ, дар навбати худ аз робитаҳои донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Русия изҳори хушнудӣ намуда, иттилоъ дод, ки айни ҳол Донишгоҳи давлатии Пенза бо донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт шартнома имзо намудааст. Ҳамзамон, Сергей Михайлович ба донишҷӯёни тоҷик муроҷиат намуда, итминони боварӣ намуд, ки бо кӯмакҳои онҳо муносибатҳои Тоҷикистон ва Русия минбаъд дар соҳаҳои мухталиф боз ҳам тақвият меёбанд.

# Мусобиқаи варзишии вилоятӣ ба муносибати 25-солагии таъсисёбии ҲХДТ



**Имсол ба таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 25 сол пур шуд. Ба ин муносибат Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд як зумра чорабиниҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳуриявиро амалӣ карда истодааст. Бо ташаббуси кумиҷроия мусобиқаи вилоятии каратэ-до ВКФ доир шуд, ки дар он қариб 300 нафар варзишгарони наврас қувваозмоӣ карданд.**

Мусобиқаи варзишии каратэ-до ВКФ, ки санаҳои 12–13 январи соли ҷорӣ баргузор шуд, қариб 300 нафар варзишгарони наврасро аз шаҳру навоҳии вилоят сарҷамъ намуд. Дар мусобиқаи вилоятӣ аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Истиқлол, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ва Зафаробод кӯдакону наврасони варзишгар қувваозмоӣ намуданд.

Мусобиқаи вилоятиро Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо Иттифоқи каратэ-дои вилояти Суғд ташкил намуданд. Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд Сатториён Матлубахон Амонзода зимни ифтитоҳи мусобиқа гуфт, тарғиби ҳаёти солим, мусоидат ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз самтҳои муҳими фаъолияти ҲХДТ маҳсуб мешавад. Ба гуфтаи Сатториён Матлубахон Амонзода Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз нуфузу эътибори воло бархурдор буда, барномаву ҳадафҳои он таъмини зиндагии шоистаи мардумро дар пай дорад. Ба муносибати 25-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ташаббуси кумиҷроияи вилоятӣ як қатор чорабиниҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳуриявӣ гузаронида мешаванд. Мусобиқаи варзишии мазкур низ яке аз ин гуна чорабиниҳо ба ҳисоб меравад.

Раиси Иттифоқи каратэ-дои вилояти Суғд Джо-Чун-Си барои дастгирии ташаббуси федератсия ба роҳбарияти олии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизб, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кумиҷроияи вилоятӣ миннатдорӣ баён кард. Таъкид гардид, ки ҲХДТ ташаббускори чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла мусобиқаҳои варзишӣ маҳсуб мешавад.

Дар мусобиқа варзишгарон – наврасону кӯдакони аз 6 то 13-сола дар намуди варзиши маъмули каратэ-до WKF қувваозмоӣ карданд.



Ва онро ҳайати босалоҳияти доварон назорат намуд. Наврасони 14–15-сола бошанд, дар ҳайати дастаҳо баромад карданд.

Ба гуфти саркотиби мусобиқа Муҳаммадҷон Ҷӯрабоев сол аз сол теъдоди духтаракон, ки майл ба машқу тамрини ин намуди варзиш доранд, зиёд шуда истодааст. Дар мусобиқаи вилоятӣ низ зиёда аз 40 нафар духтаракон иштирок ва қувваозмоӣ намуданд. Дар маҷмӯъ, 28-нафарӣ сазовори ҷойи якуму дуюм гардида, 54 нафар мақоми сеюмро соҳибӣ карданд.

Дар ҳайати даставӣ мақоми аввалро каратэчиёни шаҳри Хуҷанд сазовор гардиданд. Ҷои дуввум насиби дастаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гардид ва ба ҷои сеюм варзишгарони ноҳияи Спитамен даст ёфтанд. Ба ғолибон ҷом, медалу диплом ва тӯҳфаҳоро Раиси кумиҷроияи вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Матлубахон Амонзода ва Раиси иттифоқи каратэ-дои вилояти Суғд Джо-Чун-Си тақдим карданд.

*"Сухани халқ"*

# Вохӯриҳои ҳамсафон дар партави Паём

**М**уҳимтарин нуктаҳо аз Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ зимни мулоқот дар беморхонаи сироятии шаҳри Хуҷанд баррасӣ ёфтанд.

Дар ин мулоқот вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ Саодат Аминҷонова, раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд Маликисломӣ Наим Мунаввар ва муовини Раиси шаҳри Хуҷанд Фирӯза Нуруллозода иштирок ва суханронӣ намуданд.

**Д**ар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии шаҳри Бӯстон мулоқоти кормандони кумиҷроияи шаҳрӣ ва аъзои ҲХДТ ҷараён дорад.

Намояндаи кумиҷроия зимни мулоқот бо аъзои ташкилоти ибтидоии «Маорифпарвар» аз эълом гардидани ҳадафи чаҳоруми стратегии миллӣ, яъне «Саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар» ёдовар шуд. Барои амалӣ гардонидани ин ҳадафи олӣ саноатчиёни шаҳр ҷидду ҷаҳди бештар зоҳир мекунанд, зеро барои тараққӣ додани соҳа заминаҳои мусоид фароҳам аст, – зикр шуд дар мулоқот.

**Д**ар Ҷамоати деҳоти "Пӯлодон", коллеҷи омӯзгории ба номи Мирзо Турсунзода ва қисми низомии 04-080 воқеъ дар шаҳри Конибодом мулоқотҳои судманд доир гардиданд.

Фирдавс Саидов, мудири шӯъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд, доир ба самтҳои асосии Паёми навбатии Сарвари давлат, дар бораи дастовардҳои соли сипарӣ ва нақшаву ҳадафҳои нави матраҳшуда суханронӣ кард. Роҳбари намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар шаҳри Конибодом Акмалҷон Шарифов роҷеъ ба дастгирии ҷавонон, ки дар Паём зикр ёфт, сухан кард.

**Р**аиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Панҷакент Мурод Шукурзода аз фаъолияти ташкилоти ибтидоии ҳизбии Маркази назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологии шаҳр шинос гардида, бо аъзои он мулоқот намуд.

Зимни суханронӣ ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои дар Паёми Пешвои миллат зикргардида маслиҳатҳои муфид дода шуданд. Ҳизбиёни шаҳр Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълом гардидани солҳои 2019–2021-ро хуб пазироӣ карданд. Дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободонӣ ҷиҳати рушди деҳот тақвият дода шудаанд.

**Б**о сокинони Ҷамоати деҳоти Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров низ чунин мулоқоти судманд баргузор гардид. Зикр шуд, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар тоҷикистонӣ дар меҳвари Паём қарор дошт. Мақсади Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълом гардидани солҳои 2019–2021 исботи гуфтаҳои болост. Азбаски аксари аҳолии кишварамон дар деҳот умр ба сар мебаранд, пешниҳоди ин ташаббус саривақтӣ ва хеле муҳим мебошад.

**С**олҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълом гардидани солҳои 2019–2021 ба пешрафти ин соҳот такони ҷиддӣ хоҳад бахшид, – таъкид намуд раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Айнӣ Абдуғанӣ Қобилзода зимни мулоқот дар ташкилоти ибтидоии Беморхонаи марказии ноҳия.

А. Қобилзода доир ба ҳадафи олӣ – саноатикунонии кишвар, рушди соҳибкорӣ, пешгирии терроризм ва истифодаи усулҳои мусоири муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб, ки ин нуктаҳо дар Паём зикр гардиданд, суханронӣ кард.

**Д**ар ташкилоти ибтидоии «Арванд»-и ноҳияи Спитамен вохӯрӣ баргузор гардид. Раиси ташкилоти ибтидоӣ Хусан Атабаев ҳадафи вохӯриро, ки фаҳмонидани моҳияти Паёми Сарвари давлат буд, ба кормандон шарҳ дод.

Раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Спитамен Ойбек Насруллоев қайд кард, ки Паём самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро дарбар гирифта, барои пешрафту шукуфоии диёр роҳнамои хубе буд. Татбиқи босамари он метавонад сатҳи зиндагии халқро беҳтар гардонад.

**С**анаҳои 8, 9, 10-уми январи соли ҷорӣ дар Ҷамоатҳои шаҳракҳои Зафаробод, Меҳнатобод ва Равшан силсилавохӯриҳо баргузор гардиданд. Дар онҳо намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолзода Фарҳод Воҳид, Раиси ноҳияи Зафаробод Ашӯрзода Раҷаб Рӯзӣ, роҳбарияти КИ ҲХДТ дар ноҳия иштирок намуданд.

Дар мулоқот бо сокинон, ки намояндагони соҳаҳои гуногуни ҳоҷагии халқро ташкил менамуданд, нуктаҳои муҳими Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат шарҳу тавзеҳ дода шуданд.

# “КАШФИЁТ”-И НАВ ДАР МАЪРАКАГУЗАРОНӢ

### *ё Чаро манфиати қонун то ҳол дарк намешавад?*

**Ёздаҳ сол пеш қонун қабул намуда, тӯю маъракаҳои худро танзим кардем, то ба хароҷоти зиёд ва исрофкориҳои беҳуда роҳ надиҳем. Ин иқдом ба хотири баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум амалӣ карда шуд. Амалишавии қонуни миллӣ тавонист манфиати иқтисодии мардумро таъмин намояд, аммо... Онҳое, ки манфиати ин қонунро то ҳол дуруст дарк накардаанд, кам нестанд. Ин аст, ки дар бораи риоя нашудани меъёрҳои қонун бисёр мешунавем. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҷарима шудани шаҳрвандон дар натиҷаи вайрон кардани қонун дар расонаҳои иттилоотӣ низ хабари маъмулиро мемонад.**



Давоми соли 2018 дар вилояти Суғд қонун дар 174 ҳолат вайрон шудааст. Дар ин бора ба нашрияи “Сухани халқ” аз шӯъбаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд иттилоъ доданд.

Ҷомеашиносон мегӯянд, 174 ин нишондиҳандаи ниҳоӣ нест. Ин ки дар чанд ҳолати дигар риоя нашудани қонуни танзим аз ҷониби шаҳрвандон ниҳон мондааст, ба андешаи онҳо, суоли пӯшида аст. “Таҷрибаи зиндагӣ низ нишон медиҳад, ки қонуншиканӣ на ҳама вақт ошкор мешавад. Азбаски мо мардуми серанъана ва серҷашну маросим ҳастем, ин ҳолат ба қонун бештар рабт мегирад” – хулоса мекунанд ҷомеашиносон.

– Бо гузашти ёздаҳ сол ҳанӯз ҳам иддае аз маърифати паст моҳияти қонунро дуруст сарфаҳм нарафтаанд, – мегӯяд доктори илми фалсафа, профессор Атоулло Атоев. – Дар паси ҳама гуна вайроншавии қонун фаҳмиши танг ва зоҳирпарастӣ меистад. Кӯтоҳандешӣ сабаб мешавад, ки иддае ба хотири як рӯзи маъракаи пурдабдаба ба хароҷоти зиёд ва исрофкорӣ роҳ дода, зиндагии минбаъдаи худро ба мушкилӣ дучор созанд.

Маълумоти омор нишон медиҳад, ки қонун бештар ҳангоми гузаронидани тӯйи арӯсиву домодӣ вайрон мешавад. Аз 174 ҳолати қонуншиканӣ давоми соли 2018-ум 90 ҳолатро тӯйи арӯсиву домодӣ ташкил медиҳанд.

– Вайрон гардидани қонун дар тӯйи арӯсӣ бештар дар ду маврид: истифодаи аз меъёр зиёди мошин барои ақди никоҳ ва иштироки беш аз 150 нафари меҳмонон дар шаби тӯй ба қайд гирифта мешавад, – мегӯяд Мӯҳсин Миркамолов, мудири бахши дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд. Ба андешаи ӯ, зоҳирпарастӣ омили асосии риоя нашудани қонун ҳангоми гузаронидани маъракаҳо маҳсуб меёбад.

Мушоҳида мешавад, ки иддае бо рахна намудани меъёрҳои қонун “қонеъ” намешаванд, балки ихтирооти нав намуда, барои баргузор гардондани маъракаҳои манъшуда роҳу воситаҳои гуногун меҷӯянд.

## “Кашфиёт”-и нав

Иддае аз мардуми мо чунон дар кашфиёт ҳамто надоранд, ки ҳайрон мемонед. Агар ёздаҳ сол пеш барои камхарҷ гардидани маъракаи домодталбон шумораи иштирокчиёни ин маърака то 15 нафар маҳдуд шуда бошад, бархе аз “ихтироъкор”-он барои шикастани ин меъёр хатнасурҳои “қалбакӣ” кашф намуданд. То дирӯз миёни мардум гузарондани домодталбон бо иҷозатномаҳои бо ном хатнасур “мӯд” шуда буд. “Ин ҳолат дар ҷомеа “хатнасурҳои чандкарата”-ро низ ба миён овард. Иддае барои як кӯдак ҳатто ду ё се маротиба маъракаҳои дигар барпо намуданд”, – мегӯяд мушоҳидакорон.

Азбаски гурӯҳе аз шаҳрвандон манфиатҳои қонунро нодида гирифта, ҳамоно ба исрофкорӣ ва хароҷоти беҳуда роҳ доданд, қонун дубора такмил дода шуд. Ҳамакнун баъд аз ворид шудани тағйирот ба қонуни мазкур хатнасур низ бояд дар доираи оила баргузор гардад. Аммо, иддае аз мардуми дар кашфиёт “беустухон” барои баргузор намудани ин маърака “ихтирооти нав” эҷод карданд. Акнун барномаҳои консертии сарояндагон, ки дар тарабхонаҳо доир мегардад, барои ин гурӯҳ воситаи “муфид”-и барпо намудани маъракаҳо шудааст.

Атоулло Атоев, олими файласуф, мегӯяд, чунин “ихтирооти нав” зодаи хаёли нафаронест, ки ҳангомаю худнамоиро дӯст медоранд. Ба андешаи ӯ, маърифати пасти ҳуқуқӣ ва иқтисодии гурӯҳе сабаб шудааст, ки барои рахна намудани қонун воситаҳои гуногун кашф намоянд.

Марбут ба он ки шаҳрвандон дар барномаҳои консертии ба қавле “дастархондор” маърака доир мекунанд, ягон далели расмӣ пайдо накардем. Дар сӯҳбат ба нашрияи “Сухани халқ” масъулин назорати барномаҳои консертиро аз салоҳияти худ берун маънидод намуданд. Бино ба гуфтаи онҳо, ба баргузор шудани барномаҳои консертӣ шӯъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ иҷозатнома намедиҳад ва танзими ин барномаҳо низ аз салоҳияти ин сохтор берун аст.

Дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим чунин ваколат дода шудааст: “андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирии риоя накардани талаботи қонуни мазкур (КҶТ аз 28.08.17, №1461).

“Модом ки дар ин консертҳо баъзан ва баъзеҳо пардапӯшона маъракаҳои домодталбону хатнатӯй мегузаронанд, қонуншиканӣ маҳсуб шуда, назорат мехоҳад. Ин “хокпошиҳо” бояд танзим шаванд”, – хулоса мекунанд коршиносон.

## “Орзую ҳавас”

Онҳое, ки бо “кашфиёт”-и нав ба нав ба қонуншиканӣ роҳ медиҳанд, асосан як баҳона доранд: “орзую ҳавас”. Дар барномаҳои консертии сароиндагон низ маъмулан онҳое маърака доир мекунанд, ки дорои “орзую ҳавас” ҳастанд. Доираи фаҳмиши ин гурӯҳро ба ҳамин минвол медонанд, ки орзуҳои худро дар маъракаҳои пурдабдаба, хароҷоти зиёд ва исрофкориҳои беҳуда мебинанд.

Атоулло Атоев, доктори илми фалсафа, мегӯяд, орзу кардан низ аз маърифатнокии инсон вобаста аст. Оростани маъракаҳои пурдабдаба барои онҳое орзую ҳавас аст, ки фалсафаи зиндагиро дуруст сарфаҳм намераванд. “Орзую ҳавас бояд барои донишомӯзии фарзандону наберагон, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, дастгирии ниёзмандон равона карда шавад, ки ин аз инсон маърифати баланд металабад”.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, иддае аз ашхоси дорои “орзую ҳавас” барои ҷомаи амал пӯшонидани орзуҳои худ ҳатто аз моддаҳои қонун низ “самаранок” истифода мебаранд.

“Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд, бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ хатнасури хайриявии писарони бепарастор ва оилаҳои камбизоатро баргузор намоянд” (КҶТ аз 28.08.2017, №1461). Ин моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аст, ки ба шаҳрвандон баргузор намудани хатнасурҳои хайриявиро ҳуқуқ медиҳад.

Ҳарчанд қонун доир намудани хатнасурро танҳо ҳангоми хайриявӣ будан иҷозат медиҳад, барои иддае аз дорои “орзую ҳавас”-ҳо ин ваколати қонун воситаи амалӣ намудани орзуҳо шудааст. Бархе барои хатнасури хайриявии ду-се кӯдакони бепарастор маърака барпо мекунанд, аммо бо ин баҳона орзуҳояшонро ҷиҳати хатнасури писари худ ҷомаи амал мепӯшонанд.

Танҳо давоми соли 2018 дар вилояти Суғд 35 ҳолати баргузор шудани хатнасур ошкор гардидааст. 35 ҳолати расман ошкоршуда, ки шаҳрвандон “орзую ҳавас”-ҳои худро бо шикастани қонун амалӣ намудаанд.

Дар зиндагии рӯзмарра мебинему мешунавем, ки иддае танҳо ба хотири “орзую ҳавас”-ҳои худ ҳатто ба супурдани ҷарима ҳам розӣ ҳастанд. Барои ин афрод супурдани ҷарима мушкил нест, балки баргузор намудани маърака муҳимтар аст.

Мӯҳсин Миркамолов мегӯяд, дар паси ин “орзую ҳавас”-ҳо маъмулан худнамоишдиҳӣ ва тақлидкорӣ меистанд.

“Орзу ҳам меъёр дорад, ки иддае аз шаҳрвандон онро риоя намекунанд”, – мегӯянд ҷомеашиносон. Вақте орзу қонунро рахна мекунад, пас ин аз маърифати пасти инсон дарак медиҳад. Вайрон намудани қонун бо баҳонаи “орзу ва ҳавас” хок пошидан ба чашми мақомоти қонунгузор нест, балки бо ин роҳ шаҳрвандон ба рӯи манфиатҳои худ хок мепошанд.

## Бетарафӣ офат аст!

Бетарафӣ омили асосӣ унвон мешавад. Маҳз бетарафии ҷамъият ба пайдоиши “кашфиёт”-и нав алайҳи қонуни миллӣ замина мегузорад.

– Иддае бо дидани қонуншиканӣ ҳамоно мӯҳри хомӯшӣ ба лаб мезананд. Ба ҷойи он ки барои ислоҳи ин ҳолат иқдоме бикунанд, баръакс, тақлидкориро пеш мегиранд. Ин бетарафиҳо сабаб мешавад, ки қонуни миллӣ вайрон шавад ва дар баъзе ҳолат ноошкор монад”, – мегӯяд Атоулло Атоев. Пайдо шудани “кашфиёт”-и тоза низ, ки дар барномаҳои консертӣ маърака мегузаронанд, маҳз ба бетарафӣ рабт мегирад. “Онҳое, ки ба ин маъракаҳо даъват мешаванд, хуб медонанд, ки соҳиби тӯй қонунро вайрон мекунад, аммо ҳамоно ба маъракаи ӯ ташриф меоранд. Маҳз ин ҳолат мӯҷиби зиёд шудани вайроншавии қонун мегардад”.

Ҷомеашиносон мегӯянд, “кашфиёт”-и мардум ҷиҳати вайрон намудани қонун, як навъ, зуҳурот аст. Ин ки мо дар аксар маврид пайдоиши ин ё он зуҳуротро дар ҷомеа ба таъсири менталитети мардуми Ғарб нисбат медиҳем, инкор намешавад. Ҳама гуна бегонашавӣ, модарозорӣ ва зиёд гардидани куштору ҷиноят низ маъмулан ба таъсири маданияти Ғарб рабт дода мешавад. Аммо, ин навбат наметавонем ба исрофкорӣ ва худнамоишдиҳии хеш мардуми Аврупоро гунаҳгор донем. Дар ягон мамлакати Ғарб мардум, танҳо барои он ки маърака барпо кунанд, ин қадар ба исрофкорӣ роҳ намедиҳанд, ки мо мекунем. Дар ягон давлати хориҷа барои вайрон намудани қонунҳо ин қадар кашфиёт намекунанд, ки мо кардаем... Ҳол он ки ҷомеаи мо мусулмонӣ асту дини мубини ислом исрофкорӣ ва харҷи беҳударо мамнӯъ меҳисобад.

*Мафтуна ИСМОИЛОВА,*
*“Сухани халқ”*

# ҚАҶНИГАРӢ

**Рӯзҳои охир дар сомонаҳои интернетӣ аз ҷониби мухолифини сиёсии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасмими қабули қонун оид ба маҳдуд намудани воридшавии бонувони сатрпӯш ба идораҳои давлатӣ матлаби зиёд нашр шуд.**

Ин масъала барои нерӯҳои мухолифин дар бобати сиёҳ намудани симои ҳукумати кишвар ва сиёсатмадорони тоҷик баҳонаи иловагӣ гардид. Чуноне Саидюнуси Истаравшанӣ онро суолгузорӣ намуда, барои сиёҳ намудани Ҳукумат ва сиёсати он кӯшиш намудааст.

Ин ҷо дар мавриди муҳим будан ва ё набудани ин тасмим ҳарф намезанем. Бигзор, дуруст ё нодурустии онро коршиносони соҳаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ баррасӣ ва таҳлил намоянд.

Дар ин навишта банда мехостам ба он таваҷҷӯҳ намоям, ки чӣ гуна нерӯҳои мухолифи дар хориҷ буда бо ҳар баҳона мехоҳанд, ангушти иттиҳомот ба сӯи Тоҷикистон равона созанд ва обрӯву эътибори сиёсатмадорони кишварро бирезонанд. Саидюнуси Истаравшанӣ низ ба ин масъала аз ҳамин зовия нигоҳ намудааст. Ӯ ва ҳаммаслакони дигараш танҳо ба кофтани «камбудӣ» машғуланд. Ин гурӯҳи мухолиф дар ҳама ҳолат дастовардҳои кишварро нодида мегиранд ва фақат ангушти иттиҳомот ба сӯи сиёсатмадорони тоҷик дароз менамоянд.

Тамоми мардуми Тоҷикистон ва ҳатто берун аз он огоҳанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи тақвияти арзишҳои динӣ чӣ қадар хидмат намудаанд.

**Бино ба баъзе маълумотҳо дар кишвар ҳар чаҳорумин нафар аз бемории фишорбаландӣ азият мекашад. Духтурон мегӯянд, фишорбаландӣ пайомадҳои хатарнок дошта, пешгирӣ ва муолиҷаи он аз бемор низ масъулият тақозо мекунад.**

**Хабарнигори "Сухани халқ" дар ин хусус бо табиби шӯъбаи амрози дарунии беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтӣ ба номи Абдусаттор Нурматов Маҳбуба САИДОВА мусоҳиба анҷом дод.**

# ФИШОРБАЛАНДӢ:

## ДУРӮҒГӮӢ ҲАМ БА ИН САБАБ ШУДА МЕТАВОНАД



*Мусоҳиба*

**– Соли 2018 чанд нафар гирифторони бемории фишорбаландӣ ба шӯъбаи Шумо муроҷиат карданд?**

– Давоми соли 2018 ба шӯъбаи амрози дарунии беморхонаи ҷумҳуриявии физиотерапевтии ба номи Абдусаттор Нурматов 84 нафар беморон бистарӣ шуданд, ки дар онҳо бори авввал нишонаҳои бемории фишорбаландӣ дарёфт шуд. Ин шумора соли 2017-ум 72 нафарро ташкил медод. Шумораи бемороне, ки бо ташхиси фишорбаландии аниқшуда соли 2018 ба шӯъбаи мо муроҷиат карда, бистарӣ шуданд, 238 нафарро ташкил медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои солҳои 2017–2018 низ бозгӯи онанд, ки гирифторони бемории фишорбаландӣ сол аз сол меафзоянд. Аз рӯи маълумоти омор ҳар панҷумин сокини сайёра гирифтори ин беморӣ буда, дар Тоҷикистони мо ҳар чаҳорумин нафари аҳолӣ аз фишорбаландӣ азият мекашад. Дар синни аз 50-сола боло аз ҳар ду ё се нафар як кас ба ин беморӣ мубтало мебошад.

**– Омилҳои асосии дучор шудан ба бемории фишорбаландӣ кадомҳоанд?**

– Бемории фишорбаландӣ сабабҳои мушаххас, яъне омилҳои зиёд дорад. Яке аз омилҳои асосӣ ирсият мебошад. Агар волидони инсон гирифтори бемории фишорбаландӣ бошанд, эҳтимоли дучор шудани фарзандони онҳо ба бемории мазкур вуҷуд дорад. Ин аз худи шахси ирсияташ носолим вобастагӣ дорад. Аз таҷрибаи кор ва адабиёти тиббӣ маълум мешавад, ки дар вақти бурдани тарзи ҳаёти солим ва дар таҳти назорати духтурон будани ин гурӯҳ одамон фишорбаландӣ инкишоф намеёбад. Омилҳои дигар синну сол, ҷинс, камҳаракатӣ, истеъмоли намаки ошии зиёд, чарбуҳои дерҳазмшаванда (чарбуи ҳайвон), машруботи спиртӣ, тамокукашӣ, фарбеҳӣ, бемории диабети қанд, баландшавии холестирин ва тригметридҳои таркиби хун, асабоният, вайронкунии реҷаи рӯз ва хӯрок, пурхӯрӣ мебошанд. Аз рӯи ҷинсият назар ба занҳо ба бемории фишорбаландӣ бештар мардон гирифтор мешаванд. Чунки дар синни 35–40-солагӣ ҳормонҳои ҷинсии мардон ба баландшавии фишори хун таъсир расонида, осебпазирии онҳоро аз ин беморӣ зиёд мекунад. Дар ин синни гузариш аз ҷавонмардӣ ба миёнсолӣ мардон бояд ба саломатии худ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Камҳаракатӣ, истифодаи аз ҳад зиёди техникаи муосир (компютер, телефонҳои мобилӣ, гадҷетҳои муосир) ба системаи асаб ва хунгард таъсири манфӣ расонида, омили баландфишорӣ шуда метавонанд.

Истеъмоли машруботи спиртӣ ва сигоркашӣ низ яке аз омилҳои асосии ин беморӣ мебошад. Дуди сигор бо хун омехта шуда, ба тангшавии рагҳо ва аз норасоии оксиген ба кори майна ва дил халал расонида, оҳиста-оҳиста ба фишорбаландӣ, бемориҳои дил ва шуш гирифтор мегардонад.

**– Мушоҳида мешавад, ки имрӯз ҷавонон низ аз бемории фишорбаландӣ шикоят мекунанд. Сабаби дар байни ҷавонон паҳн гаштани бемории мазкур дар чист?**

– Барои ҳама маълум аст, ки фишорбаландӣ рӯз то рӯз ҷавон мешавад. Имрӯз аз рӯи фаъолияти кориам мушоҳида менамоям, ки дар ҷавонони синни 16–17-сола низ фишорбаландии дараҷаҳои сабук дида мешавад. Сабабҳои асосии ин риоя накардани тарзи ҳаёти солим, асабонияти зиёд байни ҷавонон, бо варзиш машғул нашудан, истеъмоли бештари хӯрокҳои зудтайёр, ғизоҳои синтетикию ғайриорганикӣ (ГМО), истифодаи зиёди интернет, компютер ва телефонҳои мобилӣ мебошанд.

**– Дар кадом фасли сол бемории фишорбаландӣ бештар ба назар мерасад?**

– Маъмулан фасли зимистон ва аввали баҳор фишорбаландӣ авҷ мегирад. Ин ҳам бошад, ба якбора пастшавӣ ё баландшавии ҳарорати ҳаво ва фишори атмосферии он вобастагии калон дорад. Аз таъсири баландшавии фишори атмосферӣ ва пасту баландшавии ҳарорати ҳаво, инчунин намнокии ҳаво рагҳои хунгузар ҳормонҳои ғадуди болои гурда, яъне гипофез ва эпифез номураттаб мешавад ва гардиши хун тез мегардад, ки ин ба баланд шудани фишори хун оварда мерасонад.

**– Нишонаҳои бемории фишорбаландӣ кадомҳоанд?**

– Нишонаҳои асосии бемории фишорбаландӣ дарди сар, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ, сурхшавии рӯйҳо, шаввасзании гӯшҳоанд. Аммо, ҳамаи ин нишонаҳо мумкин аст, ки беморро азият надиҳанд, зеро дар бисёр ҳолатҳо аз меъёр баланд шудани фишори хунро шахс умуман ҳис намекунад. Ягона тарзи муайян ва асоснок намудани он ташхис ва мунтазам чен карда истодани фишори хун мебошад.

**– Сабаби сол аз сол афзоиш ёфтани ин беморӣ чист?**

– Аз сабаби инкишофи техника ва индустрикунонӣ камҳаракатӣ ба вуҷуд меояд, ки яке аз омилҳои асосии ин беморӣ мебошад. Дар даврони пеш мардум бо меҳнати ҷисмонӣ бештар машғул мешуданд, ғизои солими аз витамину минералҳо бойро бештар истеъмол мекарданд. Имрӯз бошад, аз сабаби зиёд шудани партовҳои саноатӣ экология вайрон шуда истодааст, ки дар натиҷа оби нӯшокӣ, ҳаво, хок аз моддаҳои кимиёвӣ ва заҳрҳои саноатӣ заҳролуд мешаванд. Ғизоҳои синтетикӣ ҷои ғизоҳои табиӣ, аз ҷумла сабзавоту меваҷоти тару тозаро гирифта истодаанд, ки ин ба организми инсон таъсири манфӣ мерасонад.

Асабоният, стресс дар оила ва дар ҷои кор зиёд шудааст. Дар корхона ва оила мавҷуд набудани фазои якдигарфаҳмӣ, муросо, дар худ нигоҳ доштани фикру хаёлҳои манфӣ, норасоии истироҳати фаъолу хоби солим ҳам боиси пайдоиш ва инкишофёбии фишорбаландӣ мегардад.

**– Ёрии аввали тиббӣ барои беморони гирифтори фишорбаландӣ кадом аст?**

– Ҳар шахс бояд вақти фишорбаландӣ ёрии аввали тиббӣ ва оризаҳои онро донад. Вақте ки дар атрофиён нишонаҳои баландфишорӣ маълум мешавад, фавран ёрии таъҷилиро даъват кардан лозим меояд. То омадани он беморро дар ҷойгаҳ хобонда, болишташро андак баланд намудан, гарданбанд ё тугмаи куртаи беморро кушода, либосашро озод кардан лозим аст. Ба пои бемор обгармкунаки резинӣ (грелка) бояд гузошта шавад, то ки рагҳои хунгузари пой васеъ шуда, хун аз майнаи сар ба пойҳо бештар фуроянд. Ин пешгирии оризаи баландфишорӣ, яъне сактаи майнаи сар мебошад. Фишори беморро чен карда, ба ӯ оби хунук медиҳем. То омадани ёрии таъҷилӣ ба бемор ҳаб (таблетка)-и аспирин, волидол (ба таги забон) додан мумкин аст. Агар ба бемор духтур пешакӣ дору таъин карда бошад, онро додан лозим аст, зеро бе иҷозати духтур додани доруҳои фишорпасткунанда манъ аст.

**– Оё остеохондроз бо бемории фишорбаландӣ алоқамандӣ дорад?**

– Остеохондроз бо фишорбаландӣ алоқаи хеле зич дорад. Вайроншавии мубодилаи моддаҳо дар устухон, тағоякҳо ва буғумҳои байни мӯҳраҳоро остеохондроз мегӯянд. Дар натиҷаи ин норасоиҳо мушакҳо ва фаъолияти рагҳои хунгузари сутунмӯҳра вайрон гашта, хун ба мағзи сар ба таври бояду шояд ҷорӣ намешавад. Ин раванд кори дилро метезонад, амали ғадудҳои дохилӣ меафзояд, дар натиҷа фишори хун баланд мешавад. Остеохондрози қисми мӯҳраҳои гардан ва қафаси сина сабаби фишорбаландӣ шуда метавонанд. Дар ин ҳолат, баъди ташхисҳои рентгенӣ ва лабораторӣ, бемор бояд табобатро сари вақт оғоз намояд.

**– Истеъмоли кадом намуди хӯрок, сабзавот, меваҷот барои гирифторони ин беморӣ фоидаовар аст?**

– Вақти ба ин беморӣ гирифтор шудан парҳезро риоя кардан зарур аст. Беморони фишорбаландӣ бояд кам-кам ва зуд-зуд хӯрок истеъмол намоянд. 5–6 бор дар як шабонарӯз  вобаста ба фаъолият, вазн, ҷинс килокаллорияҳои истеъмолшаванда бояд назорат карда шаванд, ки инро духтури муолиҷавии бемор фаҳмонида медиҳад. Истеъмоли равғани рустанӣ, равғани зайтун тавсия дода мешавад. Хӯрок бояд серғизо, яъне аз витамину минералҳои бой, аммо камравған бошад. Аз хӯрок ва маҳсулоти шӯр бояд парҳез намуд. Минералҳои калий, магний ва калтсий, витаминҳои гурӯҳи С, В, А, Д заруранд, ки онҳо бештар дар маҳсулоти ширӣ (творог, шир), моҳӣ, гӯшти парранда, тухм, қоқ, мавиз, чормағз, сирпиёз, карам, сабзӣ, шалғам, кабудӣ афлесуну лиму муайян мешаванд. Хӯрокҳои дамкарда ва дар буғ пухташуда истеъмол карда шаванд, аз хӯрокҳои зирбонида бояд даст кашид, зеро вақти дар буғ ва дам пухтани хӯрок витамину минералҳо ва моддаҳои фоиданок бештар боқӣ мемонанд.

**– Барои пешгирии бемории фишорбаландӣ кадом роҳҳо мавҷуданд?**

– Фишорбаландӣ чун дигар бемориҳо якбора сар назада, балки оҳиста-оҳиста авҷ мегирад. Воситаҳои пешгирии ин беморӣ, пеш аз ҳама, тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Тарзи ҳаёти солим низ воситаи асосии пешгирии бемории фишорбаландӣ аст. Аз тадқиқоту ахбороти олимон яке аз омилҳои пешгирӣ вазни худро дар меъёр нигоҳ доштан аст. Фарбеҳӣ натиҷаи камҳаракатӣ ва пурхӯрӣ, вайрон намудани реҷаи рӯз буда, на фақат фишорбаландӣ, балки бемориҳои диабети қанд, сактаи майнаи сар ва дил, ҳатто бемориҳои саратониро ба вуҷуд меоварад.

Реҷаи хӯрок боз як омили пешгирии фишорбаландӣ аст. Кам кардани истеъмоли намаки ошӣ ҳам вақти тайёр кардани хӯрок ва ҳам дар консерву пухтупаз, зеро намаки зиёд обро дар худ ҷаббида, дар хун миқдори оби натрийро афзун мекунад, ки дар натиҷа фишор баланд мешавад. Меъёри истеъмоли намак дар як шабонарӯз бояд аз 5 грамм зиёд набошад, ки ин як қошуқи майдаи ошӣ аст.

Хоби солим ва риояи реҷаи он низ ҷиҳати пешгирии фишорбаландӣ нақши муҳим дорад. Хоби солим бояд дар як шабонарӯз 7–8 соатро ташкил диҳад.

Таҳқиқот муайян намуд, ки сухани дурӯғ омили баланд шудани фишор низ шуда метавонад, зеро дурӯғгӯӣ ба якбора тангшавии рагҳои хунгузар сабаб мегардад.

***Наврӯза МАМИРОВА,***
***"Сухани халқ"***

# БА ЧӢ ХОТИР?

Тарҷума ва нашри «Қуръон»-и карим бо забони тоҷикӣ ва дастраси мардум намудани он ба хотири боло бурдани маърифати динии шаҳрвандони кишвар яке аз ин хидматҳост. Ё худ тарҷума ва нашри «Саҳеҳи Бухорӣ» маҳз натиҷаи талошҳои Пешвои миллат дар самти тақвияти фарҳанг ва маорифи динии мардуми тоҷик мебошад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чун мусалмони бонуфуз шинохтааст. Номи ӯ дар қатори панҷсад мусалмони бонуфузи дунё аз ин далолат медиҳад.

Аммо, мухолифони сиёсӣ ба ҳеҷ ваҷҳ аз ин дастовардҳо гуфта наметавонанд, зеро дар чашмони худ айнаки каҷбин ниҳодаанд.

Пешвои муаззами миллати тоҷик мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша мардумро ба эҳё намудани арзишҳои миллӣ ва боло бурдани худшиносии миллӣ даъват мекунад.

Чун оина равшан аст, ки Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳифзи арзишҳои исломӣ пайваста талош намудааст. Аз минбарҳои баланди байналхалқӣ барои ҳифзи ислом ва мусалмонон садо баланд намудааст, ҳатто замоне ки исломҳаросӣ дар ҷаҳон хеле тезутунд гашта буд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар кори созандаи худро бо номи Худо шурӯъ мекунад. Бо як ҷумла, сифатҳои Пешвои муаззами мо ба исломситезӣ тамоман муқобил аст.

***Ш. СОЛИЕВ,***
***ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ***

Мавзӯи рӯз

# ХУШДОМАН: ФАРМОНФАРМО Ё ТАРБИЯТГАР?

**Ҳанӯз шаби базми висол тарафи домод даст ба дуо бардошта, ба Шаҳодат дуои "нек" хостанд, ки хидматгори хонадони шавҳар шавад. Магарам "фариштагони раҳгузар" ҳамон замон омин кардаанд, ки дуои "нек" мустаҷоб гардид. Субҳи барвақти рӯзи дигар хушдоман ба дасти Шаҳодат ҷорӯб дода, гуфт, ки келини нав чаққон мешавад. Зуд ҳавлиро об зада, рӯбучин намояд. Хешу табору ҳамкорон келинбинӣ меоянд, дастархон оро диҳад. Роҳи ошхонаро нишон дода, таъкид кард, ки дар дег кабоб андозад...**

**Рӯзҳои дигар низ фармонфармоии хушдоман ва баъдтар шавҳару бародарону хоҳаронаш ба сари арӯсаки бечора фурӯ рехт. Шаҳодат тамоми рӯз дар рӯи ҳавливу ошхона ва аз ин хона ба он хона чун моку дар ҳаракат буд.**

**Вақте Шаҳодат бо тифлаки чаҳоррӯза аз таваллудхона баргашт, хушдоман фармон дод: "Кӯдакро ба хона даровларда монеду аз пайи кор шавед. Дар ошхона чаҳоррӯза зарфҳои ношуста ҷамъ карда мондагӣ, аввал онҳоро шӯеду баъд ҷомашӯӣ кунед! Хешовандон ба табрики навзод меоянд, меҳмонхонаро барои қабули меҳмонон омода кунеду баъд ош пазед!"**

**Бераҳмиву бемурувватӣ нисбат ба як нафар ҷавонзани 19-сола оқибат кӯдаку модарро гирифтори беморӣ кард, табобатро бошад, ҳаволаи волидони арӯс намуданд. Волидон модару кӯдаки беморро ба бемористон бурданд. Баъд аз муолиҷа гирифтану шифо ёфтан дигар нагузоштанд, ки ба он хонадон баргардад ва оқибат барги як оила аз дарахти зиндагӣ канда шуд.**

**Воқеан, ин сарнавишти талхи зане аз байни ҳазорон модари ҷавони тоҷик аст, ки дучори фармонфармоиву хушунат гардидаанд. Хушдили Абдулғафур ҳамчун коршинос андеша дорад, ки фармонфармоӣ худ, як навъ, хушунат аст ва он дар аксар хонаводаҳои тоҷик ба назар мерасад. Келинро наметавонанд, ҳамчун фарзанд қабул кунанд, балки ӯро канизак пиндошта, нисбаташ ҳама гуна ҷабру ҷафоро раво мебинанд.**

**Новобаста аз он ки зан зери хушунат қарор гирифта бошад ё мард, ба аҳли оила ва алалхусус кӯдакон зарари рӯҳии он ногузир мебошад, зеро вуҷуди ӯро ба ҷойи муҳаббату самимият тарсу ваҳм фаро мегирад.**

**Таҳлилҳо нишон доданд, ки 1,6 дарсади хушунат алайҳи занон аз сӯи хушдоманҳо сурат мегирад. Дар қиёс бо зӯроварӣ аз сӯи шавҳар (76,3) ё шавҳари собиқ (14,6) ин рақами бузург нест, аммо, ба гуфтаи ҷомеашиносон, ба назар мерасад, дар ин пажӯҳиш як паҳлӯи муҳими хушунат ба инобат гирифта нашудааст – аз сӯи хушдоман алайҳи арӯс шӯр андохтани шавҳар.**

**Муслима ном зане аз деҳот мегӯяд, фармонфармоии хушдоман ва бо шӯрангезии ӯ занро пайваста зери шиканҷа қарор додани шавҳар пешорӯи ду оила бо фарҷоми бад анҷомид. Арӯси 23-соларо оқибат косаи сабраш лабрез гардиду хешро ба дарё афканд. Барои ошкор нагаштани сир овоза карданд, ки пои ҷавонзан лағжидаасту баъд дар дарё ғарқ шудааст.**

**Бахши аъзами зӯроварӣ аз сӯи шавҳар баъд аз моҷарои хушдоман бо келин сурат мегирад. Чанд сол қабл расонаҳои иттилоотӣ хабар дода буданд, ки ду хушдоман – яке аз вилояти Хатлон ва дигаре аз шаҳри Истаравшан барои хушунат ба келинҳо, ки дар натиҷа онҳо даст ба худкушӣ задаанд, маҳкум ба зиндон шуданд.**



## "Сарпӯши дег"

Хушдили Абдулғафур мегӯяд, солҳои пешин ҷабру ситаму фармонравоии хушдоманҳо нисбат ба келин дар деҳот қариб вуҷуд надошт. Хушдоманҳо келинҳоро тарбиятгар буданду панду насиҳат мекарданд, на ин ки таънаву маломат. Онҳо чун "сарпӯши дег" камбудиҳои келинро аз писарони хеш пинҳон медоштанд ва паи ислоҳи норасоиҳои келин тамоми маҳорати хешро ба кор мебурданд. Ба қавли ӯ, солмандони деҳа қисса кардаанд, ки Истамой ном занеро оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар синни 24-солагӣ шавҳараш вафот кардааст. Зан бо чаҳор тифли хурдсол танҳо монда, бо меҳнату машаққат фарзандонро ба воя расонидааст. Онҳо бо баҳои хубу аъло мактабро хатм карда, соҳибкасбу соҳибмаълумот шудаанд. Истамой худ саводи мактаби лотинӣ доштаву қиссаву афсона, панду насиҳат ва зарбулмасалу мақоли зиёд медонистааст, аз илми Қуръон баҳраманд будааст. Ин зани порсову боақл вақте барои фарзанди калонӣ келин меорад, маълум мешавад, ки арӯсаки 16-сола оддитарин корҳои хонаро иҷро карда наметавонад. Писар мегӯяд, ки "ман як рӯзи дигар ҳам бо чунин зан зиндагӣ намекунам!" Модар фарзандро насиҳат карда, гуфтааст, ки ба келин ҳамчун модар нозукиҳои зиндагиву рӯзгордориро меомӯзад. Бо васфу ситоиши ҳусну ҷамоли келин писарро дилгарм мекунад.

Бо ҷиддияту меҳрубонӣ тавонистааст давоми сол ба келинаш тамоми кори хонаро омӯзад. Баъд аз чанд муддат келин дар рӯзгордорӣ назди ҳаққу ҳамсоягон ва хешовандон шоистаи таҳсин гардидааст. Вақтҳои ҳомилагиву таваллуд чун модар ӯро дилсӯзиву ғамхорӣ намудааст. Писару келинро ҳашт фарзанди солиму боақл насиб мегардад, ки дар тарбияву парастории наберагон дасти мадади хушдоман расида, як оилаи калон барпо мешавад. Фазои ин хонаводаро ҳамешагӣ самимияту меҳрубонӣ ва муҳаббату эҳтироми якдигар фаро мегирад. То кунун Истамойро, ки дами пирӣ ҳам даст аз кори хона набардоштааст, чун намунаи ибрат ҳамдеҳагон ба некӣ ёд карда, мегӯянд: "Ӯ фақат зан не, балки фаришта буд".

## Чаро имрӯз не?

Мушоҳидаҳо нишон додаанд, ки бархе аз хушдоманҳои ҷавони имрӯза (37–40-сола) аз рӯзҳои нахусти оиладорӣ тамоми кори хонаро ба дӯши келин бор карда, худ даст ба оби хунук намезананд. Худро вазифадору масъул шуморида, ҳар кору рафтори келини ҷавони бетаҷрибаро тахти назорат қарор медиҳанд. Фаромӯш мекунанд, ки замоне онҳо ҳам аз камбудиҳо орӣ набуданд. Агар келин мақбули дилашон кор карда натавонад, лаб ба айбмониву шикоят во намуда, ба гӯши фарзанд дарёвор мерезанд. Ҷавони бетаҷриба бошад, суханҳои модарро "чун ҳалқа ба гӯш карда", ба маломату сарзаниши ҳамсари ҷавони худ оғоз менамояд, муноқишаҳои оилавӣ ба авҷи аъло мерасанд. Шавҳари ҷавон сар аз фармони модар ва ё ягон узви оила набардошта, ба зулму ситам ва латукӯби зани ҷавон даст мезанад ва барояш он одати маъмулӣ мегардад. Модар аз ин рафтори фарзанд хушҳол шуда, меандешад, ки писараш ӯро бештар дӯст медоштааст, на зани худро. Ин ҷо, як навъ, рашк нисбати келин дар қалби модар ҷӯш зада, ӯро ором намегузорад. Намехоҳад, ки фарзанди ӯро дигаре соҳиб бошад.

Аммо, ҷои дигар келинҳо нисбати модари шавҳар бадбиниву хусуматро дар дил ҷой медиҳанд. Шавҳарро танҳо моли худ мешуморанд. Аз муҳаббати фарзанд ба модар рашк мебаранд. Ҳарду, ҳам келин ва ҳам хушдоман, кӯшиш мекунанд, ки "мол"-ашонро каси дигар пурра ба ихтиёри худ надорорад. Тарс аз он мекунанд, ки ӯро бештар дӯст хоҳад дошт.

Аз ин рӯ, дар бораи ба кӣ бештар мансуб будану ба гапи кӣ гӯш додани писарон ҳарду сабқат мекунанд. "Онҳо мехоҳанд, муҳаббати ин писарро тақсим кунанд. Зимнан, Аҳмади Дониш ҳам дар як асари худ навиштааст, "зани ҷавон мегӯяд, ман ҷавониямро ба ӯ бахшидам ва ба хотири ӯ аз хонаи падар рафтам, хушдоман бошад, мегӯяд, ман ин писарро ба дунё оварда, бузург кардам, яъне ҳар кадом мутмаинанд, ки писар моли онҳост".

Рашки келину хушдоманро Раҳмиддин Бобиев, устоди Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ аз рӯзҳои аввали хонадорӣ дар ҳаёти оилавии хеш дарк карда, ба он нуқта гузоштааст. Ӯ дар назди ҳамсару модар худро бетафовут вонамуд карда, муҳаббати фарзандиву ҳамсариро миёни онҳо баробар тақсим мекунад ва аз бадгӯиҳои эшон ба ҳамдигар гӯшро ба карӣ мезанад. Нагузоштааст, ки модар баҳудаю беҳуда ба ҳамсараш фармон диҳад. Ҳамсарро таъкид кардааст, ки дӯсташ медорад ва модари ҳамдигарро модари хеш шуморанд.

Коршиносони соҳа таҳлил карда, ба хулосае омаданд, ки яке аз шартҳои муносибати некро нигоҳ доштани зану шавҳар даст кашидан аз усулҳои фармонфармоӣ дар оила мебошад, зеро "фармонфармоӣ аз бемеҳрӣ, бенизомӣ ва бемасъулиятӣ маншаъ мегирад", – таъкид мекунад ҳуқуқшинос Муҳаббат Ҷӯраева.

## "Хидматгори ду хоҷа?"

Аз нигоҳи аксар пурсидашудагон заминаи моҷароҳо миёни хушдоману келин қабл аз бунёди оила гузошта мешавад. Дар бораи арӯси оянда мегӯянд, ки "бигузор гапдон бошад, гапгардон набошад", рӯзи тӯй бошад, ба арӯс дуо медиҳанд, ки "келини хидматгор" шавад. Қутбия Ҳоҷибоева, сокини шаҳри Хуҷанд, мегӯяд: "ҳамеша дар маъракаҳо ба занҳо таъкид мекунам, ки намехоҳам духтарам дар хонаи шавҳар хидматгор шавад, духтари ман ба хонае, ки меравад, бояд он ҷо фарзанди меҳрубон шавад. Вақте дар сурати келин мо хидматгорро мебинем, хидмати ӯ қадр намешавад. Аммо, вақте арӯсро чун духтар қабул мекунанд, вазъ фарқ мекунад, зеро ҳама медонанд, ки ӯ барои иҷрои ин ё он кор маҷбур нест".

### Охирсухан

Зимни мусоҳибаи сарироҳӣ сокинон ва меҳмонони Хуҷандшаҳр зикр намуданд, ки муносибат миёни хушдоману арӯс бояд озодтар ва дар асоси эҳтироми ҳамдигар сурат бигирад. Арӯсро дар хонадон ҳамчун духтари дуввум қабул намуда, мавриди эҳтиром ва эътиқод қарор диҳанд. Шавҳарон набояд модарони худро алайҳи завҷаи худ таҳрик дода, муноқишаҳои хонаводагиро аланга диҳанд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар ё аризаи дахлдорро дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила қабул мекунанд, вале барои пешгирии ҷиноят аз нуқтаи назари он ки «дар оила ҳама кор шуданаш мумкин аст» чораҳои таъҷилӣ ва зарур намеандешанд. Барои пешгирии ҳама гуна поймолкунии ҳуқуқҳои нафаре аз хонавода бояд масъулин одилона кор баранд. Муҳофизат ва ҳимояи зарури ҷабрдида бояд ҳама вақт таъмин карда шавад.

Дар зиндагӣ инсонҳо ҳама ҳуқуқи баробар доранд. Ва касе ҳақ надорад, ҳуқуқу зиндагии каси дигарро пурра ба ихтиёри худ гирад.

*Моҳира РАҲИМЗОДА,*
*"Сухани халқ"*

*Дарси адаб*

# ИНСОН ВА МАРҲИЛАИ ТАРБИЯИ Ӯ

**Дар вазъияти ҷаҳонишавӣ дифои анъана ва суннатҳои деринаи муносибати инсонӣ, ки дар таърихи миллати мо ба қаъри асрҳо реша рондааст, кори осон нест. Дар ин радиф дастовардҳои ахлоқии ҷомеаро низ ҳимоя кардан аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мешавад. Агар мо имрӯз ба ахлоқи ҷомеаи ҷаҳонӣ назар кунем, торафт коста гардидани онро пай мебарем. Яъне, раванди ҷаҳонишавӣ ба ахлоқ таъсири бевосита мегузорад.**

Мардуми Шарқ соҳиби арзишҳои волои милливу ахлоқӣ мебошанд, ки тӯли ҳазорсолаҳо таҳким ёфта, ҷаҳониён онҳоро бо одобу ахлоқи ҳасана, рафтори нек эътироф кардаанд. Дар афкори мо тарбияи инсон таҳти шиори «инсон азизу мукаррам» дар пояи баланд қарор мегирад. Аз ин рӯ, дар мавриди таълиму тарбия дар кӯлвори худ таҷрибаи ғанӣ ва мероси гаронбаҳо дорем, ки метавонанд имконияти васеъро дар ислоҳи ҷомеа, махсусан, ахлоқи ҷавонон фароҳам оранд.

Аслан инсон дар ҳама замон, қатъи назар аз миллат, дин ва мақоми зист, ба насиҳату раҳнамой ва тарбия ниёз дорад. Аз ҷониби дигар, ҳар як фарди худогоҳ масъулият дорад, ки дар тарбияи мардум саҳми худро гузорад, зеро инсони ватандӯст бояд эҳсос намояд, ки бо костани ахлоқи мардум ҷомеа зарар мебинад. Сарчашмаи тинҷиву осоиштагӣ оромӣ, хайру барака вобастаи одобу ахлоқи некӯ ва тарбияи мардум мебошад.

Тарбия чист? Роҳу усулҳои тарбия кадом аст ва ҳини тарбия чиҳоро бояд ба назар гирифт?

Кӯдаке, ки ба дунё меояд, поку беолоиш аст, рушду такомул ва ояндаи ӯ аз нафароне, ки ӯро тарбия мекунанд, сахт вобаста аст. Дар таълимоти динӣ низ зикр мешавад, ки фарзандони одам як хел таваллуд мешаванд. Аммо, падару модар бо кадом роҳ тарбия кунанд, бо ҳамон меравад. Тарбияи инсонро метавон ба марҳалаҳо қисмат кард, ки ҳар яке дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

Марҳалаи якум кӯдакӣ (аз вақти таваллуд то 7-солагӣ) мебошад, ки асоси ҳаёти ояндаи ҳамон инсон мешавад. Дар ин марҳала, ки аз рӯзи мавлуд то чаҳорсолагии кӯдакро дарбар мегирад ва марҳилаи ташаккулёбии фикрӣ мебошад, бояд волидайн кӯдакро ба қадри имкон бо суханҳои



ибратомӯзи кӯдаконаи ҳадафманд ба роҳи нек ҳидоят кунанд, дар назди кӯдак набояд рафтору кирдори беадабона содир кард.

Кӯдакони имрӯза аз насли 15–20 сол қабл фарқи зиёд доранд. Чунончӣ, муносибати кӯдакони 3–4-сола бо телефони мобилӣ, компютер, телевизор ба тариқест, ки инсонҳои калонсол аз дарку маърифати онҳо ба таҳайюр меафтанд. Ин маънии онро дорад, ки кӯдакон ниҳоят барвақт аз дастовардҳои техникаи замонавӣ огоҳ мешаванд ва онҳоро наметавон бо навигариҳои ҷузъӣ ба ҳайрат овард. Пас, вазифаи аввалиндараҷаи мо ин аст, ки онҳо аз хурдӣ дар мавриди истифода аз ин гуна дастгоҳҳои техникӣ ба тасарруф роҳ надиҳанд. Ҳини истифода бояд назорат кунем, ки кӯдакон бо маводе сарукор дошта бошанд, ки дар доираи ахлоқи ҳамида қарор дорад. Ба ибораи дигар, бояд аз васоити видеомобилӣ чунон истифода барем, ки дар фикри кӯдак накӯкорӣ ва хубиро эҷод намояд.

Марҳилаи дуввум аз 7-солагӣ то 14-солагии фарзанд мебошад, ки парвариши равонӣ ва таълими одобу ахлоқ дар масоили одоби таомхӯрӣ, одоби либоспӯшӣ, муомила бо бародарону хоҳарон, эҳтироми калонсолон, тозагию озодагӣ, одоби сухангӯӣ, роҳравӣ ва ғайра вазифаи асосии ҳаррӯзаи падару модар мебошад. Дар ин давр назорати фарзанд пайваста бояд сурат гирад, зеро маҳз дар ҳамин марҳала кӯдак ташаккул меёбад ва даври навраси ояш оғоз меёбад, ба як маънӣ шаклгирии ӯ чун шахсият сар мешавад.

Махсусан, насиҳат ба фарзанд, баёни афсонаву ҳикояҳои тарбиявӣ, зикр кардани фарқи некиву бадӣ, инсони хуб ва бад ва монанди инҳо ниҳоят зарур аст. Боиси таассуф аст, ки дар ин марҳала баъзе аз падару модарон фарзандро ба хотири тарбияи дуруст ҷазои ҷисмонӣ медиҳанд. Ин усули тарбия тамоман нодуруст буда, ба наврас таъсири бад мерасонад ва ӯро метавонад оянда ба инсони сангдил, ҷангҷӯ ва душвортарбия табдил диҳад.

Марҳалаи саввум аз 14-солагӣ то 17-солагӣ мебошад, ки аз марҳалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар ин давр мактаб, муаллим, китоб бояд дар меҳвари тарбия қарор гиранд. Алоқаи оила бо мактаб дар масъалаи тарбия ва таълим нақши бориз дорад. Волидон бо муаллимон дар алоқа буда, дар мактаб устодон бояд роҳи таълим ва тарбияро бо услубҳои илмӣ омӯзанд ва баъди аз мактаб баргаштан волидон дар хона онро тақвият бахшида, тарбияи ахлоқӣ ва таълими илмро дар афкори толибилм бо назокат ҷой кунанд, ки ӯ худ ба худ ба роҳи нек равад. Муҳимтарин вазифаи волидон дар ин давр одат кунонидани фарзанд ба хондани китоб аст. Фарзанде, ки ба китобхонӣ одат мекунад, метавонад дар зиндагӣ мустақилфикр ва соҳиби ақлу фаросати комил гардад. Ҳамчунин, одат кунонидани фарзандон барои машғул будан ба кори манфиатбахш муҳим аст. Ба ғайр аз дарс ширкат дар маҳфилҳои адабиву фарҳангӣ ва ҳунариву варзишӣ ниҳоят зарур аст. Дар ин давр дифои фарзандон аз таъсироти воқеа ва ҳодисаҳои берун аз доираи ахлоқ ниҳоят муҳим мебошад.

Марҳилаи чаҳорум аз 17-солагӣ то 25-солагӣ аст, ки дар ин синну соли ҷавонӣ роҳи донишгоҳ ё касбу ҳунар бояд тибқи хоҳиши худи фарзанд ва ҳидояти волидайн роҳандозӣ карда шавад.

Агар дар байни синну соли мазкур ҷавон бекор монад, ба он одат мекунад ва тамоман беларво мешавад, дар зиндагӣ мавқеъ ёфтанаш мушкил аст. Аз ин рӯ, машғулият асоси зиндагии ҷавон бояд бошад. Дар ин давр аксаран ҳаёти мустақилонаро пеша мекунанд, соҳиби оила, фарзанд шуда, масъулияти тарбияро ба дӯши худ мегиранд.

Оид ба хусусияти марҳалаҳои тарбияи фарзанд метавон дар заминаи осори илмӣ, адабиву таърихӣ санадҳои муфиде баён кард. Дар ин маврид мероси гаронбаҳои гузаштагони соҳибназар ва донишманди мо ҳамчун сарчашмаи бебаҳо метавонад ба тариқи густурда ба кор ояд.

*Мавзуна УМАРОВА,*
*омӯзгори МТМУ №62,*
*ноҳияи Бобоҷон Ғафуров*

---

*Минбари хонанда*

## Рақами хайр кашиду асари хайр гузошт...

**Бердимурод Пӯлодов аз зумраи нафаронест, ки дар адои корҳои хайру савоб бисёр кӯшиш мекунанд. Ӯ ибтидои солҳои навадуми асри гузашта, яъне ҳанӯз дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ба Русия сафар кард ва дар яке аз корхонаҳои филизгудозии он ҷо ба фаъолияти корӣ пардохт. Баъди пошхӯрии ИҶШС вай дар ҳамон корхона корро идома дод.**

Ибтидои солҳои навадум, ки Тоҷикистон гирифтори ҷанги бародаркушии таҳмилӣ буд, Бердимурод Пӯлодов ба ҳамватанони дар Русия паноҳбурда дасти ёрӣ дароз мекард, бо маслиҳати беғаразона дар пайдо кардани паноҳгоҳ ва ҷойи кор ба онҳо кӯмак менамуд.

Он солҳо аксарияти мардум дар Ватан мӯҳтоҷи ёрӣ ва сарпарастӣ буданд. Чун ба диёр меомад, аз нафарони бекас ва мӯҳтоҷ ёрмандии аз дасташ меомадаро дареғ намедошт.

Хулоса, тӯли 28 сол дар Русия фаъолият кард ва соли 2018 ба нафақа баромад. Вай акнун дар диёр, яъне деҳаи Миндонаи Ҷамоати деҳоти Ёрии шаҳри Панҷакент сукунати доимӣ ихтиёр намуда, қарор додааст, ки ба корҳои хайр бештар даст дошта бошад.

Суханони шоири бузург Абдураҳмони Ҷомиро аз зеҳни хеш дур намекард:

*Сафҳаи даҳр бувад дафтари*
*умри ҳама халқ,*
*Инчунин гуфт хирадманд,*
*ки андеша гумошт:*
*"Хуррам он кас, ки бар ин*
*дафтари пок аз ҳама ҳарф*
*Рақами хайр кашиду асари*
*хайр гузошт".*

Дар деҳаи Миндона пирамарди 86-солаи бекас Зулфон Равшанов ҳашт моҳ инҷониб аз бемории басташавии роҳи пешоб азият мекашид. Дили Бердимурод ба ин марди солхӯрда бисёр месӯхт. Бинобар ин зарур шуморид, ки дар ҷарроҳӣ ва табобати вай саҳм бигирад. Пирамардро бо маслиҳат ва машварат дар муассисаи хусусии "Уромед"-и шаҳри Панҷакент бистарӣ кунониданд. Молик ва сардухтури ин муассиса Додоҷон Рофиев ҷарроҳии беморро ба ӯҳда гирифт. Ҷарроҳӣ моҳи августи соли 2018 сурат гирифт. Пирамардро муддати як моҳ табобат намуда, ба пой хезонданд.

Б. Пӯлодов ҷарроҳӣ ва дигар хароҷоти вобаста ба табобати пирамардро пардохт намуд. Баъд ӯро ба деҳа бурд. Аммо, дере нагузашта пирамарди бекасу бенаво ба замин афтид ва пояш аз атрофи рон шикаст. Ин марди накӯкор пирамардро дубора ба беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент оварда, дар шӯъбаи захму осеб бистарӣ кунонд. Дар он ҷо гуфтанд, ки васлшавии устухони мӯйсафед ба гумон аст ва бинобар он вай ба парастор эҳтиёҷ дорад. Бердимурод қарор дод, ки пирамардро бо муассисаи давлатии "Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон"-и шаҳри Панҷакент маскун созад. Ин нияти вай низ ба зудӣ амалӣ хоҳад шуд.

Бердимурод Пӯлодов феълан ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент барои гирифтани қитъаи замин муроҷиат кардааст. Ният дорад, ки дар деҳаи Миндона аз ҳисоби худ бинои маркази хидматрасонӣ бунёд кунад.

Дар ин бино ҳаммом, сартарошхона, чойхона ва коргоҳи дӯзандагӣ фаъолият хоҳанд кард. Иншоотҳои номбурда ба ҷуз аз сокинони деҳаи Миндона ба аҳолии деҳоти Зиддӣ, Вешист ва Маҳаллоти Ҷамоати деҳоти Ёрӣ низ хидмат расонда метавонанд.

Ин марди накӯкор дар дил орзу ва ниятҳои зиёд дорад. Вай бидуни риё ва ғараз меҳоҳад ба мардум некӣ кунад ва тибқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал намуда, дар ободии Ватани азиз саҳми муносиб дошта бошад.

*Хушдили АБДУЛҒАФУР*

---

*02 хабар медиҳад*

### Ҳалокати ронанда

Ронандаи автомошинаи тамғаи «Мерседес-бенс» ҳангоми ҳаракат бо роҳи нақлиётгарди "Чанок – Хуҷанд – Душанбе" дар ҳудуди мавзеи Чореи ноҳияи Айнӣ ба садама дуҷор шуд. Ронанда аз ӯҳдаи идораи нақлиёт набаромада, бо автомошина ба ҷарии чуқуриаш тахмин 100 метр чаппа шуд ва аз ҷароҳати бардошта дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат расид.

### Зарба бо чӯбдаста

Мақомоти милитсияи ноҳияи Мастчоҳ як ҷавони 30-соларо барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дастгир кард. Дастгиршуда бо як ҳамдеҳааш, ҷавони 29-сола муноқиша намуда, бо чӯбдастаи дар дасташбуда ба фарқи сари вай задааст.

Тафтишоти ин ҳодиса идома дорад.

### Боздошти зани қаллоб

Дар ноҳияи Ашт зане ба гумони қаллобӣ боздошт шуд.

Як сокини ноҳияи мазкур ба мақомоти милитсия аз фиребкории ин зан шикоят мекунад. Ҳини тафтишот маълум мегардад, ки зани 44-сола бо роҳи фиреб ва бовари ҷабрдида даромада, 5000 сомониашро гирифта, ба эҳтиёҷоти худ сарф кардааст.

Тафтишоти ҳодиса идома дорад.

### Азхудкунии замин

ШВКД дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров як ҳолати ғайриқонунӣ ишғол намудани қитъаи заминро ошкор кард.

Дар робита ба ин ҳолат нисбати марди 60-сола, истиқоматкунандаи ҳамин ноҳия, бо моддаи 338 қ. 2 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шудааст. Ин шаҳрванд аз ҳисоби чарогоҳи кооперативии тиҷоратӣ ба масоҳати 184 метри мураббаъ қитъаи заминро худсарона азхуд кардааст.

*Искандар ҲАСАНОВ,*
*корманди маркази*
*матбуоти Раёсати*
*ВКД дар вилояти Суғд*

# Ҳафтранг

## САНГ ба ҷойи химча



Зан, вақте духтарак буд, дар ниҳоди хеш задани кӯдакро маҳкум мекард ва ба худ қавл медод, ки рафту кӯдакдор шавад, ӯро ҳаргиз намезанад. Вале, бо гузашти айём, назараш ба ин масъала андак дигар шуд. Боре аз шӯхии ноҷояи писари чорсолааш асабӣ шуда, қарор дод, ӯро бо химча занад. Ва ба бача супориш дод, то химчае биоварад.

Писарак берун баромада, хеле дер ва бо чашмони пур аз ашк ба хона баргашт ва гуфт:

– Оча, химча наёфтам, барои ҳамин санг овардам, шумо метавонед, маро бо он занед.

Модар дарк кард, ки дар тасаввуроти кӯдакаш тағйирот ба вуҷуд омадааст ва ӯ танбеҳи модарро чун ҷазо ба худ қабул карда, аз кирдори ноҷояи хеш сахт пушаймон шудааст.

Модар дигар илоҷе надошт. Фарзанди маъсуму дӯстдоштаи покдилашро ба оғӯш гирифт ва ҳарду якбора гиристанд.

Сангро бошад, дар рафи хона ҳамчун хотира боқӣ гузоштанд.

*Ҷолиб аст!*

## Интихоб: ХУШБАХТӢ

Як марди ҳаким тамоми умр хушбахт буд. Ӯ доимо табассум мекард, механдид, ҳеҷ кас ӯро ҳеҷ гоҳ ғамгин надида буд. Вақте пир шуд ва дар бистари марг мехобид, яке аз шогирдонаш ба ӯ гуфт:

– Устод, Шумо ҳамаи моро дар ҳайрат гузоштаед. Барои чӣ ҳеҷ гоҳ ғамгин намешавед? Ин чӣ гуна ба Шумо муяссар мегардад?

Пирамард дар ҷавоб гуфт:

– Замоне ҷавон будам, ман ҳам худи ҳамин гапро аз устодам мепурсидам. Устоди ман пир буд, ҳафтод сол дошт ва зери дарахт нишаста, механдид. Ба назар чунин мерасид, ки ӯ бе ягон сабаб механдад. Он гоҳ вай ба ман гуфта буд: "Замоне ман ҳам мисли ту ғамгин будам. Нохост фикре ба сарам омад: ин интихоби ман аст, ҳаёти ман! Танҳо ман ин интихобро ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқа мекунам".



Аз ҳамон вақт инҷониб ҳар субҳ, вақте бедор шавам, аз худ суол мекунам: Хайр, имрӯз ту чиро интихоб мекунӣ, ғамгинӣ ё хушбахтиро?

Ва доимо ҳамин хел мешавад, ки ман хушбахтиро интихоб мекунам!

***Таҳияи Абдурашид САФАРОВ***

## ХАНДОХАНД

### *Ислоҳи роҳбалад*

*Марде раҳгум зада, аз роҳгузари дигар мепурсад:*

*– Мебахшед, ман бо ҳамин роҳ рафтан гирам, охираш автовокзал аст?*

*Роҳгузар дар ҷавоб мегӯяд:*

*– Ҳатто шумо бо ин роҳ наравед ҳам охираш автовокзал аст.*

### *Қасам ба ҳамсар*

*Дар сари дастархони идона марде аз ҳамкадаҳаш мепурсад:*

*– Чаро ту ҳар дафъае, ки аракро ба даҳон барӣ, чашмонатро сахт мепӯшӣ?*

*Мард дар посух мегӯяд:*

*– Ман дар назди занам қасам хӯрдаам, ки дигар ба арақ нигоҳ намекунам.*

### *Маъшуқаи беҳтарин*

*Шавҳар бори аввал завҷаашро ба зиёфати ҳамкоронаш мебарад. Дар айни сӯҳбат зан аз шавҳараш мепурсад:*

*– Ана, он занаки куртасурх кист?*

*Шавҳар дар ҷавоб:*

*– Маъшуқаи раисамон.*

*Зан боз мепурсад:*

*– Ҳо, ана, вай занаки фарбеҳи сиёҳчурда-чӣ?*

*Шавҳар:*

*– Маъшуқаи сармуҳосибамон.*

*Зан:*

*– Зане, ки куртаи зарди гулдор дорад-чӣ?*

*Шавҳар:*

*– Маъшуқаи сардори шӯъба.*

*Зан:*

*– Ана, он мӯрчамиёни зардинамӯ-чӣ?*

*Шавҳар занашро санҷиданӣ шуда, мегӯяд:*

*– Инаш маъшуқаи ман.*

*Зан боифтихор мегӯяд:*

*–Маъшуқаи мо аз ҳама беҳтарин!*

*Маслиҳати пизишк*

## Тарбод ва пешгирии он

**Тарбод (ревматизм) чӣ гуна бемории аст ва барои пешгирии он чӣ кор бояд кард? Ба ин суол духтури оилавии Маркази саломатии №3-и шаҳри Хуҷанд Камолиддин МИРЗОМАДИНОВ чунин посух дод:**

– Ревматизм беморие мебошад, ки асосан узвҳои рагу пайи зиёддоштаро нобуд мекунад. Мубориза бар зидди пахнашавии стрептококк дар байни аҳолӣ ва паст кардани он дар бемор вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Барои пешгирии беморӣ муқовимати организмро муқобили инфексияҳо баланд бардоштан лозим аст. Организмро обутоб додан, ба варзиш машғул шудан, хӯрокҳои серғизо истифода кардан муҳим аст. Ғайр аз ин, ба гигиенаи шахсӣ бисёр аҳамият додан, дандонҳоро шустан, муолиҷа кардан даркор. Ҳангоми ба бемории илтиҳоби бодомакҳо дучор шудан аз антибиотикҳо истифода бурдан шарт аст.

Худмуолиҷа оқибати бад дорад. Бояд ба табибон муроҷиат кард.

***Таҳияи Моҳира РАҲИМЗОДА, "Сухани халқ"***

*Ҳайратангез*

## ҶАВДОР Сабзиши он дар буни гӯш

**Д**УХТАРЧАИ шашсолаи исроилӣ аз дарди ҷонкоҳи гӯш ба падараш шикоят кард. Табибони ҷарроҳии "Ёрии таъҷилӣ" аз натиҷаи ташхис ҳайратзада шуданд: сабаби дард тухми ҷавдор будааст, ки андаруни гӯши кӯдак аллакай реша давондааст.

Чанд рӯз пеш аз ин воқеа духтарак зимни бозӣ нохост донаро ба гӯшаш андохтааст. Дар муҳити гарму нарм дона сабзида, боиси дарди шадиди гӯш шудааст.

## Хасис аз ҳама неъматҳои дунё бебаҳра аст!

Хасисе дар дарё ғарқ шуд. Мардум ҷамъ омаданд, то ӯро наҷот диҳанд.

Нафаре гуфт:

— Дастатро бидеҳ, то туро аз об берун орам.

Хасис, дар ҳоле ки дасту по мезад, дасти худро надод.

Шахси дигаре чунин пешниҳод кард, аммо натиҷае надод.

Ҳакиме, ки ба маҳалли ҳодиса расида буд, ба марди ғарқшудаистода гуфт:

— Дасти маро бигир, то туро наҷот диҳам. Марди хасис билофосила дасти ҳакимро гирифт ва аз дарё берун шуд.

Мардум ҳайратзада шуда, гуфтанд:

— Ту мӯъҷиза кардӣ.

Он ҳаким гуфт:

— Шумо ин мардро хуб намешиносед. Ӯ бидеҳро намефаҳмад, фақат бигирро мефаҳмад. Агар гӯӣ, ки дас-тамро бигир, мегирад, аммо агар бигӯӣ, дастатро бидеҳ, намедиҳад.

Тиҳидаст аз баъзе неъматҳои дунё бебаҳра аст, аммо хасис – аз ҳамаи неъматҳои он.

***Таҳияи Аҳлиддин БОБОҶОН***

*Садоқат*

## Интизорӣ

Ин ҳодиса соли 1976 дар фурудгоҳи Внуковои шаҳри Маскав рух дода буд. Тайёраи "Ил-18" сӯи Шимол ҳаракат дошт. Мусофирон ба парвоз саросема омодагӣ медиданд. Танҳо як нафар, ки ҳамроҳаш саг дошт, саросема набуд. Ӯ мехост, сагаш Палмаро бо худ бубарад. Агарчӣ ба сагаш ҳам чипта дошт, барои ба тайёра нишастан иҷозат надоданд, зеро саг маълумотномаи тиббӣ надошт. Ниҳоят, соҳиб маҷбуран саги худро сахт ба оғӯш гирифт ва занҷири гардани ӯро ба замин гузошту сӯи тайёра рафт.

Палма дар фурудгоҳ танҳо монд. Ӯ мунтазир буд ва гумон мекард, соҳибаш бармегардад. Аммо, мутаассифона, чунин нашуд. Интизории саг дер давом кард. Аниқтараш – беш аз ду сол. Албатта, дар ин муддат нафарони зиёд хостанд, ки Палмаро бигиранду тарбия намоянд, аммо ӯ касеро ба худ наздик шудан намемонд.

Ниҳоят, баъд аз интизории дароз Палмаро дотсенти Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Киев Вера Котляревская, ки дар ин муддат мунтазам аз аҳволи вай хабар гирифта меистод, бо худ бурд.


Навбати умеди мо халқ асту бас!
СУХАНИ ХАЛҚ

Муассис:
Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

Сармуҳаррир
Бобоҷон ҚУРБОНОВ

Ҳафтанома дар маркази компютерии "Сухани халқ" омода ва дар ҶДММ "Ношир" чоп шудааст.

Суроғаи КИ ҲХДТ дар вилояти Суғд: шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ №118, телефон 6-08-57

Суроғаи нашрия: шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ №118, телефон 6-33-45

Мушовир
Сатториён Матлубахон АМОНЗОДА

Ҳайати эҷодӣ:
Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН, Моҳира РАҲИМЗОДА, Ислом РАҲИМОВ, Мафтуна ИСМОИЛОВА, Наврӯза МАМИРОВА

Ҳафтанома маводро дар ҳаҷми 4–5 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Arial Tj ва Times New Roman Tj қабул мекунад. Мавод ва суратҳо баргардонида намешаванд.

Веростор
Маъруфҷон ҲОМИДОВ

Супориши № ___
Теъдоди нашр 13750 нусха

Ҳайати таҳририя барои риояи гуногунандешӣ маводи мухталифро низ ба нашр мерасонад.
Ба дурустии арқому асноди мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.
Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиби ҳафтаномаи "Сухани халқ" нишон додани сарчашма ҳатмист.

Навбатдори шумора
Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН